«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ,
____________дотсент Иматзода Л.М.
26 октябри соли 2021

# ХУЛОСАИ

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи аспиранти Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Заиров Сиротулло Абдулмаҷидович дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятҳои муоширати хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи таълими фанни адабиёти тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Заиров Сиротулло Абдулмаҷидович 18 августи соли 1988 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Соли 2007 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон факултети журналистикаи байналхалқӣ дохил шуда, соли 2011 донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси журналисти байналхалқӣ хатм намудааст. Соли 2017 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба шуъбаи ғоибонаи факултети филологияи тоҷик дохил шуда, донишгоҳи номбурдаро соли 2021 аз рӯи ихтисоси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Мавсуф фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2008 ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №52-и ноҳияи И. Сомонӣ оғоз намуда, соли 2014 ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики литсейи №2 барои хонандагони болаёқати ш. Душанбе кор кардааст. Аз соли 2019 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи давлатии таълимии литсейи №3 барои хонандагони болаёқати ш. Душанбе то инҷониб фаъолият менамояд.

Заиров Сиротулло Абдулмаҷидович солҳои 2017-2021 ба сифати аспирант дар бахши аспирантура ва докторантураи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият карда, имтиҳонҳои минимумро аз фанни Таърих

ва фалсафа - аъло, Забони англисӣ - хуб ва Педагогика - ихтисос бо баҳои аъло супоридааст.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, сармутахассиси Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Негматов Саъдулло Эргашевич.

Диссертатсияи Заиров С.А. дар ҷаласаи васеи шуъбаи филологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардида, барои баррасӣ ба семинари илмӣ – методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф пешниҳод гардидааст. (Суратҷаласаи шуъба аз 28. 03. 2021, №03).

Семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Заиров Сиротулло Абдулмаҷидовичро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, ба чунин хулоса расид.

Диссертатсияи номзадии Заиров Сиротулло Абдулмаҷидович мубрам ва дархӯри замон буда, дар шароити кунунии ҷомеаи иттилоотӣ ва ба ҳам наздикшавии фарҳангҳо низоми маорифро мебояд, ки ба масъалаи рушди салоҳиятҳои хонандагон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд. Аз ин рӯ яке аз самтҳои асосӣ ва афзалиятноки фаъолияти соҳаи маориф таваҷҷуҳ ба сифати таҳсилоти миёна тавассути фароҳам овардани шароит барои татбиқи стандартҳои замонавии таълим ба шумор меравад. Салоҳият натиҷаи таълим буда, ҳамчун қобилияти истифода бурдани дониш, малака ва маҳорат ҳангоми ҳалли масъалаҳои соҳаи муайян зоҳир мешавад.

Масъалае, ки аспирант мавриди таҳқиқ қарор додааст, ба талаботи замони муосир ва соҳаи маорифи кишвар ҷавобгӯ буда, истифодаи технологияи муосири педагогӣ ба ташаккул ва рушди малакаҳои амалӣ ва маҳорати хонандагон рушд бахшида, андешаву ҷаҳонбинӣ ва хусусиятҳои маънавию эҷодиашонро равнақ мебахшад.

Диссертант зимни таҳқиқоти худ асосҳои ташаккули салоҳиятҳои муоширати хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи таълими фанни адабиёти тоҷикро муайян намуда, андешаашро ба тарзи зайл баён мекунад: “имрӯз дар замони муосир асосҳои ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи таълими фанни адабиёти тоҷик, таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ ҷиҳати ташаккули сатҳу сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимии номбурда мусоидат карда, дар омодагии мутахассисони баландихтисос аҳамияти хоса дорад”.

Муҳаққиқ мақсаду объект, предмет ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян карда, дар ин замина вазифаҳои зеринро анҷом додааст. Аз ҷумла,

1. Мақсад ва вазифаҳои таълими босалоҳият дар низоми таълими фанни адабиётро муайян кардааст.

2. Мафҳуми салоҳият дар таълими фанни адабиётро баррасӣ намудааст.

3. Муносибати босалоҳият ба таълимро аз нигоҳи рушди салоҳияти муоширатии хонандагон баррасӣ намудааст.

4. Муносибати босалоҳияти таълимро бо усулҳои дигари таълим муқоиса намудааст.

5. Модели ташаккули салоҳиятҳои муоширатии хонандагонро дар дарсҳои адабиёт таҳия кардааст.

6. Мафҳуми одоби муоширатро аз нигоҳи фарҳанг ва адабиёти тоҷик илман асоснок кардааст.

7. Омилҳои ташаккулдиҳандаи салоҳият ва фарҳанги муошироти хонандагонро муайян кардааст.

Диссертант зимни иҷрои вазифа ва баргузории таҳқиқоти илмӣ ба навгониҳои илмии зерин комёб шудааст: Аз ҷумла,

-ташаккули салоҳиятҳои муоширатии хонандагон бо истифода аз технологияи педагогии муосир мавриди таҳқиқи монографӣ қарор дода шуд;

- ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъала баррасӣ ва ошкор карда шуд;

- имконитҳои барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсии амалкунанда оид ба роҳҳои самарабахши татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаяйн карда шуд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он ба назар мерасад, ки натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи курсҳои махсус барои донишҷӯёни риштаҳои омӯзгорӣ, омода кардани роҳнамоҳо барои омӯзгорон, таълифи китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ-методӣ аз фанни адабиёти тоҷик мусоидат мекунад.

Таҳқиқоти илмии Заиров Сиротулло Абдулмаҷидович имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл карда шавад.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои илмии зерини дар нашриёҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи аспирант пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

1. Заиров С.А. Ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълими фанни адабиёти тоҷик/С.А. Заиров // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.- Душанбе, 2020. №2 (30). С. 165-170. ISSN 2617-5620.

2. Заиров С.А. Муносибати салоҳиятнок дар таълими адабиёти тоҷик-омили рушди муоширати хонандагон /С.А. Заиров// Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.- Душанбе, 2020. №2 (35). С. 222-227. ISSN 2708-5759.

3. Заиров С.А. Роҳҳои ташаккули муоширати хонандагон дар машғулиятҳо аз фанни адабиёти тоҷик/С.А. Заиров// Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.- Душанбе, 2020. №2 (30). С. 309-314. ISSN 2617-5620.

4. Заиров С.А. Муносибати босалоҳият ва таъсири он дар беҳдошти вазъи муоширати хонандагон /С.А. Заиров // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.- Душанбе, 2020. №4 (32). С. 102-106. ISSN 2617-5620.

5. Заиров С.А. Муносибати босалоҳият ба таълим ва нақши омӯзгорон дар амалисозии он /С.А. Заиров // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.- Душанбе, 2021. №4 (015). С. 132-136. ISSN 2076-2569.

6. Заиров С.А. Назари донишмандону бузургони адабиёти классик ва муосири тоҷик оид ба муошират ва ҳусни баён /С.А. Заиров // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.- Душанбе, 2021. №5 (016). С. 120-125. ISSN 2076-2569.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи илмии Заиров Сиротулло Абдулмаҷидович дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятҳои муоширати хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи таълими фанни адабиёти тоҷик» кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Заиров Сиротулло Абдулмаҷидович дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятҳои муоширати хонандагони синфҳои

болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи таълими фанни адабиёти тоҷик» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Заиров Сиротулло Абдулмаҷидович дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятҳои муоширати хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи таълими фанни адабиёти тоҷик» барои ҳимоя дар Шӯрои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ, номзади илмҳои педагогӣ Ҷонмаҳмадова Г. мураттаб шуда, дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ аз 26 октябри соли 2021, протоколи №10 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 17 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, роҳбари семинари илмӣ-методӣ, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ — Лутфуллоева П.

Муқарризон:
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор, сармутахассиси шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири АТТ — Шербоев С.

Номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи фанҳои филологияи ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ — Тоҳириён Ш.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ котиби семинари илмӣ- методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Ҷонмаҳмадова Г.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734063, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ, 126
Тел.: 2 25 84 06, 2 25 84 09
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

Имзои П. Лутфуллоева, С. Шербоев, Тоҳириён Ш. ва Г. Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳои ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Ҳакимова Х.